## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи номзадии Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулло Рӯдакӣ” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи номзадии Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек ба баррасии “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ”, ки яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами забоншиносии муосир мебошад, бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, ки бо ҷалби сарчашма ва манбаъҳои фаровони илмӣ ва корҳои мондагори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ хусусиятҳои вожагонӣ ва калимасозии осори боқимондаи устод Абуабдулло Рӯдакиро мавриди таҳқиқи хоса қарор бидиҳад.

Маълум аст, ки дар рӯдакишиносӣ олимони зиёди Шарқу Ғарб саҳм доранд ва дар ин замина мақолаю рисола ва монографияҳои мутаaддиде ба вуҷуд омадаанд, ки дар онҳо ҳаёт ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ таҳқиқ гардида, осори гаронарзиши илмӣ ба вуҷуд омадааст, ки дар дастраси ҷаҳониён қарор доранд. Бо вуҷуди ин, наметавон гуфт, ки масъалаи таҳқиқи осори устод Рӯдакӣ ба анҷом расида, дигар наметавон сухани тозае дар ростои шеъри Рӯдакӣ гуфт. Баръакс, дар замони Истиқлолият бояд ба таҳқиқи осори адибони оламшумуламон бо диди нав назар карда, паҳлуҳои забонии таҳқиқнашуда ва ё камтаҳқиқшудаи мавриди омӯзиши махсуси илмӣ қарор гиранд.

Агар таҳқиқоти ба рӯдакишиносӣ бахшидашударо аз назар гузаронем, хоҳем дид, ки аксарияти онҳо ба ҷанбаҳои адабиётшиносӣ марбутанд ва масоили забонии шеъри шоир кам баррасӣ шудааст. Аз ин

рӯ, таҳқиқи забоншиносии осори Рӯдакӣ аз масоили мубрами илмӣ ба шумор меравад ва дар ин замина диссертатсияи Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулло Рӯдакӣ” **сариваҳтӣ ва мубрам арзёбӣ мегардад**. **Мубрамии хоси кори диссертатсионӣ** боз дар он зоҳир мегардад, ки перомуни масъалаи таҳқиқи қабатҳои луғавӣ ва калимасозии осори устод Рӯдакӣ кори мукаммали диссертатсионие дар даст надорем ва диссертатсияи мазкур дар ин самт кӯшиши аввалин ба шумор меравад.

Дар рисолааш муҳаққиқ Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек доир ба қабатҳои луғавӣ, махсусан, соматизмҳо ва калимаҳои марбут ба шахс, ки ҳар кадом ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мешаванд, таҳқиқ анҷом дода, исбот кардааст, ки дар самти истифодаи аксарияти калимаҳои ин соҳа дар назм устод Рӯдакӣ бунёдгузорӣ нишон дода, барои нигаҳдошти онҳо саҳми бениҳоят калон гузоштааст. Дар баробари ин, муаллифи диссертатсия қолибҳои калимаҳои сохтаю мураккаби осори адибро баррасии илмӣ карда, исбот намудааст, ки дар устувории меъёри қолибҳои калимасозӣ дар назм устод Рӯдакист, ки минбаъд аз тарафи дигар адибон равнақ ёфтааст.

**Ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсияи мазкур** таҳқиқи қабатҳои вожагонӣ ва калимасозии осори боқимондаи устод Рӯдакӣ мебошад, ки дар ростои ин кор унвонҷӯ таркиби луғавии осори адибро пурра омӯхта табақабандӣ карда, мавриди баррасии вожагонию калимасозӣ қарор додааст. Аз рӯйи таҳқиқе, ки дар даст дорем, маълум мегардад, ки унвонҷӯй ҳадаф ва вазифаҳои дар пеши худ гузоштаро дуруст дарк кардааст, гурӯҳбандии калимаҳоро бо тартиби муайяни илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, қолибҳои калимасозии ҳайати луғавии осори адибро дуруст муайян кардааст. Дар ин замина, метавон хулоса кард, ки унвонҷӯй ҳадаф ва вазифаҳои дар пеши худаш гузоштаро ба пуррагӣ иҷро кардааст.

**Навгонии таҳқиқот дар он ифода меёбад**, ки дар диссертатсия бори нахуст таҳқиқи забонии осори Рӯдакӣ бо дӣди нав ба анҷом расидааст. Диссертатсия дар заминаи баррасии вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Рӯдакӣ дар забоншиносии тоҷик саҳифаи нави илмӣ ба шумор меравад ва аз ин рӯ, дорои арзиши баланди илмӣ мебошад.

Нуктаи муҳимми дигар ин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мавриди назар **бо барнома ва мавзуъҳои илмии** Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ робитаи ногусастанӣ дорад. **Ҷанбаи назариявию амалии кор** дар он зоҳир мегардад, ки ҷиҳати тадриси фанҳои луғатшиносӣ, фразеология, ҳусни баён, таърихи забони тоҷикӣ, назарияи забон ҳамчун маводи муҳимми ёрирасон мебошад.

Бешубҳа, диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳ ои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон " аз 30-июни соли 2021, таҳти №287 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона нигошта шуда, дорои мазмуну мундариҷаи ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар **7 мақола, аз ҷумла 5-тои он** дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА ФР нашр шудаанд ва феҳристи он дар охири автореферат оварда шудааст, инъикос ёфтанд. Мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ ва теъдоди онҳо фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия буда, ба талаботи банди 34-35-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Дар диссертатсияи мавриди назар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф, ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и “Тартиби додани дарачаҳои илмӣ” гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия, ба таври мухтасар, комёбию дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масоили меҳварии таҳқиқ зикр ёфта, дурнамоии кори диссертатсионӣ муайян шудааст. Мубрамию аҳаммияти илмии таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии **Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдулло Рӯдакӣ”** таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва онро барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и “Тартиби додани дарачаҳои илмӣ”, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Ҷурабекзода Фотима Ҷурабек дар мавзуи “Вижагиҳои вожагонӣ ва калимасозии осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ “ барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01- Забони тоҷикӣ дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА. 067 – и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба тарики овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ тавсия медиҳад:

**1. Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм** - доктори илми филология, профессор, Президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**2. Юсупов Абдулло Исмоилович** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забони тоҷикии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино”

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад,

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Назарзода С.

**Узви комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ.

**Узви комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, профессор,
узви Шурои диссертатсионӣ Нуров П.

"23" феврали соли 2024